Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)

# ТАҚРИЗИ

муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз)

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ» дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6) таҳия шуда, ба бандҳои 1.7. Ҷанбаҳои инфрасохтории низоми молиявӣ, 2.14. Маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, 3.6. Молияи соҳаҳо, 3.20. Сарчашмаҳои маблағгузории субъектҳои хоҷагидор, проблемаҳои муносибгардонии сохтори сармоя, 3.22. Ташаккули низоми самараноки маблағгузории лоиҳавӣ ва барномавӣ, 3.25. Молияи равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, афзорҳои молиявии сармоягузорӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бойи табиӣ ва шароити мусоиди рушди сайёҳӣ мебошад, Ҳукумати кишвар бо дарки саривақтии ин имконият масъалаи рушди сайёҳиро мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор дод ва дар ин самт барои инкишофёбии соҳаи сайёҳӣ иқдомҳои зиёдеро роҳандозӣ намуд. Мусаллам аст, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуда буданд, ки бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шавад. Ин ташаббуси наҷиб солҳои минбаъда низ идома ёфта, Президенти кишвар дар Паёми навбатии худ солҳои 2019-2021-ро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон доштанд. Ин тасмимгириҳои Ҳукумати кишвар таҳти сарварии бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як такони ҷиддӣ дар рушди соҳаи сайёҳӣ гардида, дар як давраи кӯтоҳ Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар радифи кишварҳои дорои имкониятҳо ва инфрасохтори сайёҳӣ шомил намуд. Бояд қайд кард, ки сайёҳӣ яке аз

соҳаҳои пешбаранда ва босуръат рушдёбандаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

Тазаккур бояд дод, ки барои рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, аз он ҷумла соҳаи сайёҳӣ яке аз масъалаҳои муҳим ин таъминоти молиявии равандҳои сармоягузорӣ мебошад. Дар солҳои охир таваҷҷуҳ ба сармоягузорӣ ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ хеле зиёд шудааст, зеро сармоягузорӣ ҳамчун сарчашмаи муҳим ба раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ, хусусан таъминоти молиявии инфрасохтори сайёҳӣ таъсири мусбат мерасонад.

Муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки барои амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт низоми муассири таъминоти молиявии фаъолияти сармоягузориро таъсис додан лозим аст. Корбурди дурусти усулҳо ва шаклҳои маблағгузорӣ дар доираи таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ воситаи таъкондиҳандаи рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ мебошад. Бинобар ин, самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт аз сиёсати интихобшудаи таъминоти молиявии татбиқи ҳар як лоиҳаи сармоягузорӣ вобаста мебошад.

Яке аз масъалаҳое, ки ба рушди сайёҳӣ таъсир мерасонад, ин таъмини молиявии пешрафти соҳа ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ мебошад. Барои ба ҳолати хуби корӣ расонидани иншооти инфрасохтори сайёҳӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ дар онҳо роҳандозӣ намудани чорабиниҳои техникию ташкилӣ зарур аст, ки сафарбар кардани маблағҳои назаррасро талаб мекунанд. Рушди инфрасохтори сайёҳӣ заминаи асосии тараққиёти соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи таҳқиқшуда низ ба масъалаҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ҳамин самт бахшида шуда, дар шароити муосир мавзуи мубраму муҳим ва камомӯхташуда маҳсуб меёбад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар таҳлил ва тасдиқи асоснокии равишҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин дар таҳияи тавсияҳои амалӣ барои такмили механизми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ифода ёфтааст. Ҷанбаҳои асосии навгонии илмии таҳқиқот нуктаҳои зеринро дар бар мегиранд:

1. Муаллиф дар асоси таҳлили амиқи муқаррароти назариявӣ, равишҳои методологӣ ва ҷанбаҳои методии таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ тафсири муфассал ва аниқи мафҳумҳои «сармоягузорӣ», «фаъолияти сармоягузорӣ», «лоиҳаи сармоягузорӣ», «таъминоти молиявӣ» ва «маблағгузорӣ» пешниҳод намудааст.

2. Усулҳо ва шаклҳои гуногуни маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории ба рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт нигаронидашуда аз тарафи муаллиф таҳқиқ карда шудаанд, ки ин на танҳо

барои тасдиқи аҳаммият ва мубрамии онҳо, балки барои муайян кардани ҷанбаҳои асосии ба татбиқи бомуваффақияти чунин лоиҳаҳо таъсиррасон низ имкон медиҳад.

3. Дар асоси таҳлили вазъи муосири татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва омӯзиши муфассали механизмҳои ҷалби манбаъҳои маблағгузорӣ ба ин лоиҳаҳо мушкилоти калидӣ, ки ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он халал мерасонанд, муайян карда шудаанд ва муаллиф дар ин радиф роҳҳои рафъи ин мушкилотро пешниҳод намудааст.

4. Омилҳои ба рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ мусоидаткунанда таҳлил ва мушкилоту маҳдудиятҳои асосии лоиҳаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ошкор гардидаанд. Инчунин оид ба такмили механизмҳои мавҷудаи маблағгузорӣ ва усулҳои муносиби ҳавасмандгардонии сармоягузории хусусӣ ба рушди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ тавсияҳои муаллиф пешниҳод шудаанд.

5. Аз тарафи муаллиф имконияти истифодаи маблағгузории лоиҳавӣ ҳамчун яке аз механизмҳои муассир ва ояндадори татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таҳлил ва арзёбӣ гардида, сабабҳои асосии маҳдудкунандаи истифодаи маблағгузории лоиҳавӣ дар мамлакат муайян карда шудаанд.

6. Корбурди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун яке аз воситаҳои асосии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ муайян карда шуда, тибқи тасдиқи муаллиф ин механизм ба бунёди иншооти замонавии инфрасохтори сайёҳӣ самаранок мусоидат менамояд ва дар ҳавасмандгардонии рушди ҳамаҷонибаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт нақши муҳим мебозад.

7. Барои муайянкунии маҳакҳо ва тартиби интихоби амсилаи муносибтарини маблағгузории лоиҳаҳо дар инфрасохтори сайёҳӣ, аз тарафи муаллиф таҳлили ҳамаҷонибаи шаклҳо ва схемаҳои маъмули маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ гузаронида шудааст.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Аз таҳлили кори илмӣ бармеояд, ки давраҳои иҷрои кори диссертатсионӣ, бахусус интихоби мавзуъ, муайянкунии муҳиммият, мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳаммиятнокии он бевосита аз ҷониби диссертант таҳия карда шудааст. Натиҷаҳои диссертатсия ҳамчун тавсияҳои таҳияшуда дар фаъолияти сармоягузории корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ истифода мешаванд. Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат, ихтисоси «Молия» истифода мешаванд.

## Сохтор ва мазмуни кори диссертатсионӣ

Диссертатсия дар умум 166 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Кор аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо иборат аст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 152 номгӯйро дохил мекунад. Дар диссертатсия 21 ҷадвал ва 11 расм истифода шудааст.

Дар муқаддима (саҳ.4-14) мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи масъалаи илмӣ нишон дода шудааст, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои асосии дастовардҳои илмии диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, дигар маълумот дар бораи муҳтавои диссертатсия оварда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявӣ ва методологии таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ»** асосҳои назариявӣ ва равишҳои методологии таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, усулҳо ва шаклҳои муосири таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва хусусиятҳои таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи инфрасохтори сайёҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст (саҳ.15-59).

Дар боби мазкур муаллиф паҳлуҳои назариявии мавзуъро баррасӣ намуда, вобаста ба мафҳумҳои «сармоягузорӣ», «фаъолияти сармоягузорӣ», «лоиҳаи сармоягузорӣ», «таъминоти молиявӣ» ва «маблағгузорӣ», ки бевосита муҳтавои бештари мушкилоти назариявию методологии мавзуи таҳқиқотро муайян мекунанд, шарҳ додааст. Инчунин алоқамандии онҳо дар доираи мавзуи таҳқиқот ва соҳаи мушаххаси татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ муқаррар карда шудааст. Муаллифи диссертатсия равишҳои дар адабиёт маъмули тафсири мафҳуми лоиҳаи сармоягузориро ҷамъбаст карда, ба хулосае омадааст, ки лоиҳаи сармоягузорӣ маҷмуи чорабиниҳои пайваста ва пай дар пай иҷрошаванда аст, ки барои ноил шудан ба ҳадафи мушаххаси маблағгузорӣ дар доираи вақти маҳдуд ва буҷети пешакӣ муқарраршуда татбиқ мешавад.

Муаллиф қайд намудааст, ки хусусиятҳои хоси таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар асоси аломатҳои худи фаъолияти сармоягузорӣ ошкор карда мешаванд, ки муайян кардани ҳаҷми зарурии захираҳои молиявӣ, сохтор ва тартиби истифодаи онҳоро дар асоси нақшаи тақвимии асосноккардашуда дар бар мегиранд. Ба инобат гирифтани ин омилҳо ҳангоми ҷалби маблағҳои зарурӣ шарти муҳимтарини татбиқи самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад (саҳ.25). Дар боби мазкур манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ пешниҳод шудааст (саҳ.27).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки манбаъҳои дохилӣ тарзи боэътимодтарини маблағгузории лоиҳаҳо мебошад, вале истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ки бештар аз ҳисоби давлат бояд маблағгузорӣ шаванд, мушкил аст (саҳ.28). Бо назардошти ақидаи зикргардида, муаллиф бартарӣ ва камбудиҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо истифодаи манбаъҳои дохилиро коркарда мекунанд (саҳ.28). Дар ин маврид, муаллиф омилҳои интихоби манбаъҳои маблағгузории лоиҳаи сармоягузориро низ пешниҳод кардааст (саҳ.30).

Дар боби мазкур манбаъҳои дохилӣ, сармоягузориҳо ба рушди сайёҳӣ низ баррасӣ мегардад ва муаллифи диссертатсия ба хулосае меояд, ки хусусияти асосии сармоягузориҳо дар инфрасохтори сайёҳӣ дар давраи

нисбатан тӯлонии истифодаи иншоот ифода меёбад, вале бештари иншооти инфрасохтори сайёҳӣ аз «сифр» сохта мешаванд. Боздеҳии нисбатан зуди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ бо даромаднокии нисбатан паст нисбат ба дигар соҳаҳои сармоягузорӣ ҳамрадиф аст. Фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ҷалби сармояи хусусӣ барои бунёд ва навсозии иншооти инфрасохтори сайёҳӣ - осоишгоҳҳо, хонаҳои истироҳатӣ, меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва дигар муассисаҳо зарур аст. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки ба хотири ҷалби манбаъҳои сармоягузорӣ ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои соҳаи сайёҳӣ, бояд механизмҳои ташкилию иқтисодии ҳавасмандкунандаи фаъолияти сармоягузорӣ ба самти мазкур роҳандозӣ карда шаванд.

Муаллифи диссертатсия, барои беҳгардонии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва ҷалби бештари маблағҳои сафарбаршаванда ба ин соҳаи афзалиятнок дар мамлакат таъсиси агентиҳои махсус доир ба рушди сайёҳӣ ва ҷалби сармоягузориҳо, инчунин ташкили инфрасохтори махсуси рушди сайёҳию солимгардониро тавсия медиҳад. Ба хулоса меояд, ки барои такмили механизмҳои муносиби ҷалби сармоягузориҳо барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ истифодаи воситаҳои ҳавасмандсозии сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ зарур аст. Муаллиф барои тақвияти хулосааш, воситаҳои ҳавасмандсозии сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳиро пешниҳод мекунад (саҳ.54).

Дар ҷамъбасти боби якум муаллиф дуруст андешаронӣ кардааст: барои ҷалби манбаъҳои муносиби маблағгузории сармоягузориҳо ба хотири рушди корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ дар мамлакат ба равандҳои ташкилию иқтисодии ба ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ мусоидаткунанда диққати муҳим ҷудо намудан зарур аст. Самар аз истифода ва татбиқи механизмҳои созанда дар фаъолияти сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ тавассути корбурди воситаҳои давлатии ба дастгирии барномаҳои саёҳӣ нигаронидашуда, таъмини сатҳи муносиби ҷолибияти сармоягузории иншооти инфрасохтори сайёҳӣ барои сармоягузони дохилӣ ва хориҷӣ, мусоидат ба ҳамгироии маблағҳои сармоягузорон аз ҷониби ниҳодҳо ва муассисаҳои молиявӣ қарзӣ ба даст меояд. Вобаста ба ин, самаранокии рушди инфрасохтори сайёҳӣ ба сатҳи дастгирии давлатии он мутаносиб мебошад (саҳ.55-59).

Дар боби дуюми рисола **«Таҳлили манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ»** (саҳ.60-102) вазъи муосир ва манбаъҳои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таҳқиқ гардида, омилҳои рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи инфрасохтори сайёҳӣ ва вазъи инфрасохтори сайёҳӣ барои маблағгузории самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳлилу арзёбӣ шудаанд.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки дар мамлакат ҷиҳати фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Аммо сарфи назар аз тадбирҳои

назарраси дар солҳои охир барои рушди сайёҳӣ роҳандозишуда сатҳи зарурии суръати рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар мамлакат мушоҳида намешавад. Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ дар мамлакат тадриҷан афзоиш меёбад, вале нишондиҳандаи асосии молиявӣ - даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ назаррас нест (саҳ. 61). Муаллиф таҳлил гузаронида менависад, ки аз соли 2018 то соли 2022 ҳамасола шумораи ширкатҳои сайёҳӣ зиёд шудааст. Нишондиҳандаи даромаднокӣ аз хизматрасониҳои сайёҳӣ ба ҳисоби миёна барои ҳар як ширкати сайёҳӣ дар соли 2015 маблағи 116,9 ҳазор сомонӣ, дар соли 2019 - 152,2 ҳазор сомонӣ, дар соли 2020 - 34,3 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2022 маблағи 94,3 ҳазор сомониро ташкил додааст (саҳ.61). Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ аз 82 адад дар соли 2015 то 242 адад дар соли 2022 афзоиш ёфтааст. Пас аз таҳлили ҳолати соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ, муаллифи диссертатсия бо қаноатмандӣ қайд менамояд, ки пас аз таваҷҷуҳи хосаи намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дастур ва таъкидҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фазои сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Мувофиқи маълумоти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳолати 1 июни соли 2023 дар мамлакат 295 адад иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла 187 адад меҳмонхонаҳо, 52 осоишгоҳ, 29 ҳостелҳо, мотелҳо ва дигар намуди меҳмонхонаҳо, 8 хонаҳои истироҳатӣ, 7 маркази муолиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ, 6 осоишгоҳ ва лагерҳои солимгардонии кӯдакона, 5 базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ ва 1 пансионат амал мекунад.

Дар боби мазкур муаллиф масъалаҳои ҷалби сармоягузориҳо низ баррасӣ гардидаанд. Дар диссертатсия омдааст, ки ба соҳаи сайёҳӣ дар ҳаҷми 28,5 млн. доллари ИМА сармоягузории мустақими хориҷӣ равона гардидааст, ки ин 8,3%-и маблағи умумии сармоягузориҳои хориҷии ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшударо ташкил медиҳад (саҳ.69).

Дар зербоби 2.2 масъалаҳои рушди низоми қарзӣ ва мавқеи он дар рушди соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи сайёҳӣ баррасӣ гардида, хулосаҳои муҳаххаси муаллиф дарҷ гардидаанд (саҳ.78-82). Зимнан қайд шудааст, ки бонкҳои мамлакат дар самти маблағгузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ тавассути иштирок дар сармояи оинномавии субъектҳои иқтисодии дар ин соҳаҳо фаъолияткунанда тамоман саҳм намегузоранд. Бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар самтҳои лизинг ва суғурта фаъолияти сармоягузориро тавассути иштирок дар сармояи субъектҳои иқтисодӣ анҷом медиҳанд.

Муаллифи диссертатсия дар ин зербоб омилҳои ба рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсиррасонро пешниҳод намудааст, ки аз хавфи сармоягузорӣ, сатҳи таваррум, иқтидори захиравии сармоягузорӣ, вазъи роҳҳои нақлиётӣ, меҳмонхонаҳо ва муассисаҳои хӯроки омма, муассисаҳои фароғатию солимгардонӣ ва инфрасохтори сайёҳии деҳот, иншооти сарироҳ иборат мебошанд.

Дар зербоби 3-юми боби 2 муаллиф вазъи инфрасохтори сайёҳӣ барои маблағгузории самараноки лоиҳаҳои сармоягузориро арзёбӣ карда (саҳ.90-102), қайд менамояд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзеъҳои сайёҳӣ, ки барои сармоягузорон ҷолиб буда, захираи имконпазирро барои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ташкил медиҳанд, зиёд мебошанд. Барои тақвияти гуфтаҳои боло́, муаллифи диссертатсия мавзеъҳои барои сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷолиб дар инфрасохтори сайёҳиро пешниҳод кардааст (ҷадвали 2.7., саҳ.100). Муаллиф таъкид менамояд, ки дар рӯйхати мавзеъҳои сайёҳие, ки дар ҷадвали 2.7 оварда шудаанд, танҳо мавзеъҳое пешниҳод шудаанд, ки дар маҳалҳои ҷойгиршавии онҳо иншооти рушдёфтаи сайёҳию рекреатсионӣ вуҷуд надорад, бинобар ин, мавзеъҳои мазкур бештар барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ниёз доранд.

Дар боби сеюми диссертатсия **«Такмили механизми таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ»** (саҳ.103-139) дурнамои истифодаи маблағгузории лоиҳавӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод гардида, нақши шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ муайян карда шудааст, инчунин барои интихоби амсилаи муносиби маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ тавсия ва пешниҳодҳо пешкаш карда шудааст.

Дар боби мазкур муаллиф дуруст қайд менамояд, ки маблағгузории лоиҳавӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ механизми мураккаби молиявие мебошад, ки бо ҷалби шумораи зиёди иштирокчиён ба раванди татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ ва гуногуншаклии воситаҳои молиявии истифодашаванда алоқаманд аст. Дар диссертатсия тазаккур дода шудааст, ки бо вуҷуди зиёд шудани иншооти инфрасохтор ва ширкатҳои сайёҳӣ, ҳоло ҳам дар мамлакат фарогирии захираҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба доираҳои соҳибкорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ кам аст. Барои истифодаи ҳарчи бештари захираҳои сайёҳӣ, ки ҷалби онҳо дар асоси лоиҳаҳои сармоягузорӣ сурат мегирад, маблағгузориҳои дахлдор зарур мебошанд (саҳ.104).

Дар зербоби 3.1-и диссертатсия муаллиф масъалаи ҳамкории давлат бо соҳибкории хусусӣ баррасӣ карда (саҳ.116-128), қайд менамояд, ки ҳамкории манфиатдори давлат бо намояндагони бахши соҳибкории хусусӣ метавонад суръати баланд ва устувори рушди иқтисодиро дар мамлакат ва маҳалҳо таъмин намояд. Дар ин маврид муаллиф шарикии давлат ва бахши хусусиро дастгирӣ менамояд ва таъкид мекунад, ки яке аз воситаҳои дастрас барои давлат шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад, ки бо ёрии он зиёд кардани ҳаҷми маблағгузориҳо ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ пешбинӣ мешавад. Ба андешаи муаллифи диссертатсия, истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ танҳо дар сурате натиҷаи мусбат дода метавонад, ки агар тамоми иштирокчиёни раванди он дар асоси принсипи манфиатҳои

умумии ҷонибҳо амал кунанд. Аз ин рӯ, дар раванди роҳандозии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ пайдо кардани мавқеъҳои ҳамдигарфаҳмӣ байни ҳамаи иштирокчиёни он хеле муҳим аст.

Дар диссертатсия кӯшиш карда шудааст, ки шароит ва имконияти дастрасро барои корбурди якҷояи усулҳо ва манбаъҳои берунии маблағгузорӣ, аз ҷумла дар доираи механизми маблағгузории лоиҳавӣ муҳокима карда, барои интихоби амсилаи муносиби маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ тавсияҳои дахлдор таҳия карда шавад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои асосӣ аз ҷиҳати назариявию амалӣ ва тавсияҳои судманд барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалбу истифодаи самараноки сармоягузорӣ дар соҳаи саёҳӣ анҷом меёбад, ки аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд (саҳ.140-146).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои таҳқиқот, эътимоднокии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот, гузоришҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад. Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалиявӣ асос ёфтаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он.** Муқаррароти назариявии дар диссертатсия таҳияшуда метавонанд дар рушди назария ва методологияи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ саҳми муҳим гузоранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар истифодаи тавсияҳои пешниҳодгардида аз ҷониби кормандони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маъмурияти субъектҳои хоҷагидории инфрасохтори сайёҳӣ барои татбиқ дар фаъолияти сармоягузорӣ ифода меёбад. Татбиқи амалии муқаррароти таҳияшуда дар равандҳои таҳия, банақшагирӣ, маблағгузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ имкон медиҳад.

Муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли гузоришҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии «Иқтисодиёти корхонаҳо, минтақаҳо, мамлакатҳо: масъалаҳои мубрам ва ҷанбаҳои муосир» (Пенза, 2023), «Масъалаҳои идоракунӣ ва иқтисодиёт: вазъи муосир ва мушкилоти мубрам» (Москва, 2022) ва дигарҳо пешниҳод гардида, баҳои мусбат гирифтаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Асарҳои интишорнамудаи муаллиф хулосаву пешниҳодҳои диссертатсияро дар худ инъикос менамояд. Нуқтаҳои асосии диссертатсия

дар 17 мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баромадаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи гузоришҳои илмӣ баён шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, сарчашмаи маълумот, пойгоҳҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозӣ, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (фармоиши Раёсати Комиссия аз 27 декабри соли 2024, №493) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

Қобили қайд аст, ки дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаву тавсияҳои таҳқиқот бо истифодаи аниқ ва мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, ҳаҷми иттилооти истифодашудаи аввалия тасдиқ карда шудааст ва ин ба унвонҷӯ имконият додааст, ки таҳлили амиқи ҳолати рушди соҳаи сайёҳӣ ва арзёбии масъалаҳои таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ба анҷом расонад.

Автореферати диссертатсия таркиби асосии кори диссертатсиониро фаро мегирад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Чуноне аз шиносоӣ бо муҳтавои ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Аҳмади Зоҳидҷон бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Мавзуъ ва ихтисоси довталаби дараҷаи илмии унвонҷӯ, аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) ба талаботи банди 21-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Саҳеҳӣ, дараҷаи навгониҳои бадастомада ва хулосаву тавсияҳои рисолаи илмиро ба инобат гирифта, баъзе камбудиҳои таркибӣ ва сохтории корро қайд кардан бамаврид аст:

1. Дар боби якуми диссертатсия мавқеи муаллиф оид ба мафҳумҳои маблағгузорӣ ва таъминоти молиявии бевосита ба рушди соҳаи сайёҳӣ дахлдошта ба назар намерасад. Хуб мешуд, агар дар ҷадвали 1.2 (саҳ.24) ақидаҳои олимони ватанӣ низ баррасӣ мегардид;

2. Дар диссертатсия аз тарафи муаллиф воситаҳои ҳавасманд намудани сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ (расми 1.1., саҳ. 54) пешниҳод гардидааст, ки боиси дастгирист. Вале муаллиф роҳҳои амалисозии онҳоро нишон надодааст;

3. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия боз ҳам ғанӣ мегардид, агар аз ҷониби муаллиф таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор мегирифт.

4. Зербоби 2.1 ба таҳқиқи вазъи муосири фаъолияти сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва манбаъҳои маблағгузории он бахшида шудааст, аммо дар ин зербоб маълумотҳои рақамӣ оид ба ҷалби сармоягузориҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ дар алоҳидагӣ таҳлил нагардидааст;

5. Муаллиф дар кори диссертатсионӣ вобаста ба масъалаи ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи сайёҳӣ ва татбиқи лоиҳаҳо дар ин самт муаммоҳои ташаккули фазои сармоягузориро аз нигоҳи институтсионалӣ танҳо дар ташкили сохтории он дар кишвар баррасӣ кардаасту халос. Масъалаҳои марбут ба имтиёзҳои андозӣ, рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ, ҳуқуқ ба моликият ва даромаднокии фаъолият, идоракунии асъорӣ ҳамчун механизми беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ аз назари муаллиф дур мондаанд;

6. Хуб мешуд, агар модели такмилёфтаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар сатҳи минтақаҳои сайёҳии кишвар таҳия ва пешниҳод мегардид. Дар ин самт шаклҳои муосири сайёҳӣ, ташкил ва рушди онҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, омилҳои ба ҷолибияти сармоягузории соҳаи сайёҳӣ таъсиррасон, самаранокии иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологии лоиҳаҳо ба назар гирифта мешуданд;

7. Хуб мешуд, агар дар диссертатсия ҷолибияти сармоягузории самтҳо ва минтақаҳои сайёҳии ҷумҳурӣ муайян гардида, хулосаи мушаххаси муаллиф дар бораи ҷалби сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳо дар ин самту минтақаҳо пешниҳод мегардид.

Бояд таъкид кард, ки эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро кам намекунад. Вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд ва пешниҳоду тавсияҳои муаллиф боиси дастгирист.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.**

Диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ» таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муаллифи диссертатсия Аҳмади Зоҳидҷон сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Мудири кафедраи молия ва қарз
дар КАС-и Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур,
номзади илмҳои иқтисодӣ Бобозода А.А.

*Имзои Бобозода А.А.-ро тасдиқ мекунам:*

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х,

Суроға: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
Web-сайт: www.tajagroun.tj E-mail: a_bobozoda@mail.ru
Tel./Fax.: (+992) 900-64-19-25